

### Таъсири падарон ба раванди донишандузии кӯдакон

Кӯдаконе, ки падаронашон нисбати онҳо муроқибат ва ғамхории бештар мекунанд, натиҷаи донишандузиашон беҳтар аст. Чанд тадкиқоти олимон нишон доданд, ки сифти интелект ё IQ-и наврасоне, ки падаронашон бо онҳо кор мекунанд, ба бозӣ фаро мегиранд ва вакт ҷудо менамоянд, нисбати дигар ҳамсолонашон баландтар аст.

Тарзи ҳаёти солим ва фаъоли падарон дар оила боиси он мешавад, ки кӯдаконашон дар чунин фазо бештар хислати ҷуяндаро касб намуда, ба илму дониш зиёдтар мароқ зоҳир менамоянд.



***Натиҷаи фаъолияти якҷояи падару кӯдак худбоварии кӯдакро дар идораи рафтор ва эҳсосоташ қавӣ мегардонад.***

***Хулоса, падарон метавонанд ба рушд ва саломатии кӯдакони худ таъсири пурзур ва мусбат расонанд.***

Canada

Хадамоти Оғохон оид ба тандурустӣ, Тоҷикистон

AGA KHAN FOUNDATION

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳамаи расмҳои дар ин варақа истифодашуда аз манбаҳои боз дар интернет гирифта. шудаанд



# САҲМИ ПАДАР ДАР РУШДИ КӮДАК

*Кӯдакон дар ҳаёт бештар мустақилиятро эҳсос мекунанд, агар дар рушди онҳо падар саҳмгузор бошад*



## Таъсири муносибати байниҳамдигарии падару модар ба рушди кӯдак

Муносибати падар ва модар дар ҳаёти оилавӣ метавонад яке аз натиҷаи таъсиррасон ба ташаккули ҳаёти кӯдакон бигардад. Падаре, ки бо модари фарзандонаш муносибати хуб дошта бошад, барои рушди зеҳнии кӯдаконаш вақт ҷудо карда тавонад, дар натиҷа фарзандони солимақлро ба воя хоҳад расонд. Ҳамчунин модаре, ки дар иҷрои кори хонагӣ аз тарафи падари кӯдаконаш дилгармӣ ва дастгириро дарёбад, метавонад модари хушбахт ва дустдошта барои кӯдаконаш бошад.

Натиҷаи сифати хуби муносибати волидон дар оила нишонгарион аст, ки онҳо ҷавобгарии оилавиро бештар эҳсос мекунанд, роҳи дурусти тарбияи кӯдакро интихоб мекунанд, кӯдаконро аз таъсири тарбияи беруна ҳифз намоянд ва дар бартараф кардани мушкилоти оилавӣ бештар аз ҳама муваффақ мегарданд.

***"Модели хуби рафтори волидон дар оила ҳамчун роҳнамо барои рушди кӯдакон хизмат мекунад."***

Аз мушоҳидаҳо равшан аст, ки ҳар як кӯдак дар оила рафтори падар, модар, бобо ё модаркалонашро пайгирӣ мекунад. Мушоҳидакорон мегуянд, ки дар ҳаёти оилавӣ ҳатто духтари наврас рафтор ва хислати падарашро дида, дар оянда ҳамсари монанд ба падарашро интихоб менамояд. Рафтори хуби падару модар барои писар намуна мегардад ва ӯ барои бунёди оилааш чунин намуди рафтори оилавиро интихоб менамояд.

Баръакси ҳол, тадқиқот нишон медиҳанд, ки агар дар оила шавҳар нисбати ҳамсараш номеҳрубон бошад, ҳамсарашро мавриди шиканҷа ва сарзаниш қарор бидиҳад, кӯдакон дар чунин фазо тарбия мегиранд ва дар оянда чунин рафторро дуруст ҳисобида, нисбати ҳамсаронашон раво мебинанд. Ҷавонон аз чунин оилаҳо оммагурез, дорои тафаккури зид ва дар ҷомеа нописанд ба воя мерасанд.



## Таъсири падарон ба беҳдошти равонӣ ва рафтори ҷамъиятии кӯдак

Кӯдаконе, ки ҳанӯз аз давраи таваллуд аз ғамхории падаронашон бархурдоранд, дар зиндагӣ нисбати дигарон бештар устувории эҳсосотӣ ва мустақилият доранд дар баён намудани акидаи иҷтимоиашон озоданд. Усули тарбияи ҷуфт ё тарзи бозии падарон бо кӯдаконашон дар айёми кӯдакии барвақт ба рушди иҷтимоӣ ва эҳсосотии кӯдак таъсири хуб мерасонад. Барои рушди дурусти кӯдак вақти ҷудонамудаи падар ва мулоқоту бозии як ба як заруртар аст, нисбати он, ки модарашон бо онҳо пойбанди кор бошад.

